# Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ҚАРОР

Дар хусуси тадбирҳои татбиқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораиислоҳоти низоми иҷозатдиҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон"

Бо мақсади иҷрои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 марти соли 2009 №633 "Дар бораи ислоҳоти низоми иҷозатдиҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Комиссия оид ба такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи тартиби додани ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ ба субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ дар ҳайати замимагардида таъсис дода шавад (замимаи 1).

2. Низомномаи Комиссия оид ба такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи тартиби додани ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ ба субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ ва Қоидаҳои таҷдиди назар намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи тартиби додани ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ ба субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шаванд (замимаҳои 2 ва 3).

3. Вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ татбиқи ҳамин қарорро таъмин намоянд.

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

аз 28 майи соли 2009 № 305
ш. Душанбе

Замимаи 1
Бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 28 майи соли 2009 № 305
тасдиқ шудааст

# Ҳайати Комиссия оид ба такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи тартиби додани ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ ба субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ

Муовини аввали Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон (раиси Комиссия);

Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (муовини раиси Комиссия);

## Аъзои комиссия:

Мушовири давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сиёсати иқтисодӣ;

Мушовири давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сиёсати ҳуқуқӣ;

Мудири шӯъбаи ислоҳоти иқтисодӣ ва инвеститсияҳои Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Мудири шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Раиси Палатаи савдо ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

4 намояндаи ҷомеаи соҳибкорӣ (дар мувофиқа);

Коршиносон (дар мувофиқа);

Котиби масъули Комиссия.

Замимаи 2
Бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 28 майи соли 2009 № 305
тасдиқ шудааст

# Низомномаи Комиссия оид ба такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи тартиби додани ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ ба субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ

1. Комиссия оид ба такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи тартиби додани ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ ба субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ (минбаъд - Комиссия) бо мақсади татбиқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №633 аз 7 марти соли 2009 таъсис дода шудааст.

2. Комиссия дар фаъолияти худ Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамин Низомномаро дастури амал қарор медиҳад.

3. Вазифаҳои асосии Комиссия инҳоянд:

- ҷамъоварӣ ва таҳияи пешниҳодҳо оид ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи тартиби додани ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ;

- арзёбии пешниҳодҳо ва асоснокиҳо оид ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи тартиби додани ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ барои мутобиқат ба меъёрҳои муқарраргардида;

- таҳияи лоиҳаҳои қарорҳои Ҳукумат оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда ё беэътибор донистани санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи тартиби додани ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ ба субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ;

- таҳияи Номгӯи ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ;

- ҳамоҳангсозӣ ва анҷомдиҳии мониторинги раванди таҷдиди назар намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи тартиби додани ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ.

4. Ба Комиссия барои иҷрои вазифаҳои вогузоргардида ваколатҳои зерин дода мешаванд:

- аз вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ талаб намудани иттилоот, дастурамалҳо, фармонҳо, фармоишҳо ва дигар ҳуҷҷатҳое, ки онҳо оид ба масъалаҳои дар доираи салоҳияти Комиссия қарордошта интишор намудаанд;

- дар ҷаласаҳои худ шунидани намояндагони вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ оид ба масъалаҳои ба салоҳияти Комиссия мансубдонисташуда ва қабул намудани қарорҳои дахлдор;

- интишор намудани фармоишҳое, ки иҷрои онҳо барои ҳама вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти иҷроия ҳатмӣ мебошад;

- ҳар моҳ интишор намудани иттилоот оид ба ҷараёни татбиқи таҷдиди назар намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи тартиби додани ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ ба субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ, вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, инчунин оид ба натиҷаҳои таҷдиди назар намудан дар воситаҳои ахбори омма;

- ба кори Комиссия ҷалб намудани намояндагони ташкилотҳои манфиатдор ва мутахассисони алоҳида.

5. Комиссия ҳуқуқ дорад:

- ба мақомоти манфиатдор ҷиҳати андешидани тадбирҳои мушаххас оид ба такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи тартиби додани ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ ба субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ супориш диҳад;

- дар маҷлисҳои худ маърӯзаҳои шахсони мансабдори мақомоти манфиатдорро оид ба масъалаҳои такмили санадҳои

меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи тартиби додани ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ ба субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ шунавад;

- кормандони мақомоти манфиатдорро бо кори Комиссия ҷалб намояд;

- аз мақомоти манфиатдор доир ба масъалаҳое, ки дар доираи салоҳияти Комиссия мебошанд, маводҳо гиранд.

Комиссия на камтар аз як маротиба дар як моҳ ба ҷаласаҳои навбатӣ, ба ҷаласаҳои ғайринавбатӣ бошад - ба қадри зарурат даъват карда мешавад.

6. Қарорҳои Комиссия бо аксарияти овозҳои аъзои дар ҷаласа ҳузурдоштаи Комиссия қабул карда мешаванд ва бо протоколи ҷаласа, ки онро раиси Комиссия имзо менамояд, ба расмият дароварда мешаванд. Қарорҳои Комиссия, ки дар доираи салоҳияти худ қабул гардидаанд, иҷрояшон барои ҳама вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии дахлдор ҳатмӣ мебошад.

7. Котиби масъули комиссия, коршиносон ва намояндагони ҷомеаи соҳибкорӣ бо пешниҳоди Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ аз ҷониби Раиси Комиссия тасдиқ карда мешаванд.

8. Вобаста ба масъалаҳои ба рӯзномаи ҷаласаи Комиссия воридгардида намояндагони идораҳои дахлдори давлатӣ ва мумкин аст намояндагони дигар сохторҳо даъват карда шаванд. Дар сурати ба ҷаласаи Комиссия ва Котибот ҳозир нашудани намояндагони идораҳои дахлдор, қарор дар ғоибии онҳо қабул карда мешавад.

9. Комиссия ҳар моҳ ба Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобот оид ба ҷараён ва татбиқи раванди таҷдиди назар намуданн санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи тартиби додани ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ ба субъектҳои фаъолияти соҳибкориро пешниҳод менамояд ва инчунин ҳар моҳ иттилоот оид ба ҷараёни татбиқи таҷдиди назар намуданро дар воситаҳои ахборӣ омма интишор менамояд.

10. Мақоми кории Комиссия Котиботи комиссия буда, аз намояндагони мақомоти давлатӣ ва коршиносони мустақили ҷалбгардидаи доимиамалкунанда иборат мебошад.

11. Вазифаҳои асосии Котибот инҳоянд:

- таҳия ва ба вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ супоридани ҳамаи шаклҳои (варақаҳои) ҳуҷҷатҳои зарурӣ оид ба арзёбии санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи тартиби додани ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ ба субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ;

- анҷомдиҳии ҷамоварии иттилоот оид ба таҷдиди назар намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи тартиби додани ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ ба субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ;

- таҳияи рӯзномаи ҷаласаҳои Комиссия;

- омодасозии маводҳо барои ҷаласаҳои Комиссия;

- анҷомдиҳии арзёбии пешакии пешниҳодҳо ва асоснокиҳои мутобиқати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ ба меъёрҳои муқарраргардидаи арзёбӣ;

- омодасозии қарорҳои пешакии Комиссия оид ба таҷдиди назар намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи тартиби додани ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ ба субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ ва натиҷаҳои он.

Замимаи 3
Бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 28 майи соли 2009 № 305
тасдиқ шудааст

# ҚОИДАҲОИ таҷдиди назар намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи тартиби додани ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ ба субъектҳои фаъоляяти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

## 1. Муқаррароти умумӣ

1. Қоидаҳои мазкур, ки бо мақсади такмили танзими давлатии фаъолияти соҳибкорӣ таҳия гардидаанд, принсипҳо, механизмҳои анҷомдиҳии таҷдиди назар намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ихтисор намудани ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳии ғайрисамаранок ва ба рушди соҳибкорӣ мусоидатнакунандаро муқаррар менамоянд.

Ҳамаи санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки тартиби додани ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ ба субъектҳои фаъолияти соҳибкориро ба танзим медароранд, таҷдиди назар карда мешаванд.

Таҳти ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ дар ин Қоидаҳо ҳуқуқи аз ҷониби мақомоти давлатии ваколатдор иҷозатдодашуда ба субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ ба анҷомдиҳии ягон амалҳое, ки барои оғоз ва (ё) анҷомдиҳии амалҳои алоҳида ё намудҳои фаъолият дар шакли худи иҷозат, сертификат, хулоса, тасдиқ, мувофиқа, визагузорӣ, патент, шаҳодатнома, аттестати тахассусӣ, навиштаҷоти иҷозатдиҳӣ, шаҳодатнома, санади таҳқиқот (муоина), санади арзёбӣ (баҳодиҳӣ), аккредитатсия ва дигар намудҳои ҳуҷҷатҳои дорои хислати иҷозатдиҳӣ, ба истисонои литсензия фаҳмида мешавад.

Таҷдиди назар намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ арзёбии мутобиқати санадҳои амалкунандаи меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи тартиби додани ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳиро ба субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ барои мутобиқат ба меъёрҳое, ки банди 3 ҳамин Қоидаҳо муқаррар намудаанд, дар назар дорад.

2. Татбиқи чорабиниҳои гузаронидашаванда бояд ба принсипҳои зерин асос ёбад:

- муттасилӣ ва шаффофияти раванди таҷдиди назар намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи тартиби додани ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ ба субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ;

- бекор кардани санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкуиандаи тартиби додани ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ ба субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ дар сурати мутобиқ набудани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо принсипҳои банди 3 ҳамин Қоидаҳо муқаррарнамуда;

- ба манфиати субъекти фаъолияти соҳибкорӣ шарҳ додан дар сурати ба миён омадани шубҳа дар истифодаи ягон муқаррароти санади меъёрии ҳуқуқӣ;

- таъмини иштироки ҳатмии намояндагони бизнес-ҷомеа дар раванди таҷдиди назар намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи тартиби додани ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ ба субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ.

3. Ҳар як санади меъёрии ҳуқуқӣ бояд дар асоси гурӯҳҳои зерини меъёрҳои арзёбӣ (баҳодиҳӣ) таҷдиди назар карда шавад:

а) қонунӣ будани санади меъёрии ҳуқуқӣ:

- талабот оид ба зарурати ҳуҷҷати иҷозатдиҳиро қонун муқаррар менамояд;

- аз қайди давлатӣ гузаштани санади меъёрии ҳуқуқӣ дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- нашр намудани санади меъёрии ҳуқуқӣ;

б) зарурати санади меъёрии ҳуқуқӣ:

- зарурати ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ танҳо барои он намудҳои фаъолияти соҳибкорие, ки барои ҳаёт ва саломатии аҳолӣ, амнияти ҷамъиятӣ хатар ба вуҷуд меоранд ва ба муҳити зист зарар мерасонанд;

- роҳ надодан ба танзими як намуди фаъолияти соҳибкорӣ тавассути механизмҳои гуногуни назорати давлатӣ (литсензиякунонӣ, сертификатсия, дигар расмиёти иҷозатдиҳӣ ва ғайра);

в) мусоидат ба рушди соҳибкорӣ:

- додани ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ дар мӯҳлати муқарраргардидаи қонунгузорӣ;

- муқаррар намудани пардохти қонунӣ барои додани ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ;

- мутаносиб ва оқилона будани пардохт, яъне пардохти арзиши ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ аз ҷониби субъекти фаъолияти соҳибкорӣ набояд аз хароҷоти воқеӣ барои он, ки ҳисобкунии дахлдор тасдиқ намудааст, зиёд бошад;

- шумора ва намудҳои ҳуҷҷатҳои муқарраргардидаи аз субъекти фаъолияти соҳибкорӣ талабшавандае, ки барои додани ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ заруранд, ба моҳияти додани ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ мутобиқат мекунанд ва бевосита бо зарурати иҷрои амалҳо ва (ё) анҷомдиҳии фаъолияте, ки барои онҳо ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ тақозо мегардад, алоқаманд мебошанд.

## 2. Марҳилаи таҷдиди назар намудан

4. Таҷдиди назар намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар се марҳила анҷом дода мешавад.

5. Дар марҳилаи якуми таҷдиди назар намудан ҳар як вазорату идора, ҳар як мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатӣ дар мӯҳлати як моҳ аз рӯзи эътибор пайдо кардани ин Қоидаҳо санадҳои соҳавии танзимкунандаи тартиби ба субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ додани ҳама гуна ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳии худро барои мутобиқат ба тамоми меъёрҳои пешбининамудаи банди 3 ҳамин Қоидаҳо таҷдиди назар менамояд.

Аз рӯи натиҷаҳои таҷдидиназарнамоии гузаронидашуда ҳар вазорату идора, ҳар мақомоти иҷроияи маҳаллии

ҳокимияти давлатӣ ба Котиботи Комиссия ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод менамояд:

- рӯйхати санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки мавриди таҷдиди назар қарор дода шудаанд;

- рӯихати санадҳо меъёрии ҳуқуқие, ки аз таҷдиди назар гузаштаанд ва ба ҳамаи меъёрҳои муқаррарнамудаи банди 3 ҳамин Қоидаҳо мутобиқат мекунанд;

- матни пурраи санади меъёрии ҳуқуқие, ки ба меъёрҳои муқаррарнамудаи банди 3 ҳамин Қоидаҳо мутобиқат мекунад;

- тавзеҳнома ба ҳар як санади меъёрии ҳуқуқӣ, ки асоснокии онро тибқи шакли муқарраргардида дар бар мегирад;

- номгӯи санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки бояд бекор карда шаванд ё ба онҳо тағйирот ворид карда шавад.

6. Дар марҳилаи дуюм таҷдиди назар намудан аз ҷониби Котиботи Комиссия бо иштироки намояндагони бизнес-ҷомеа гузаронида мешавад. Дар муддати як моҳ баъди гузаштани мӯҳлате, ки дар банди 5 ин Қоидаҳо зикр гардидааст, Котибот ҳама санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва тавзеҳномаҳои пешниҳоднамудаи вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро барои мутобиқат ба меъёрҳои дар банди 3 ҳамин Қоидаҳо муқарраргардида баррасӣ менамояд ва ҳама маводҳои пешниҳодшударо барои муҳокима бо намояндагони бизнес-ҷомеа омода месозад. Баъди таҷдидиназарнамоии санадҳои меъёрии ҳуқуқии якҷоя бо намояндагони бизнес-ҷомеа гузаронидашуда, Котибот дар муддати як моҳ санадҳои зеринро омода намуда, ба баррасии Комиссия пешниҳод мекунад:

- лоиҳаҳои асоснокгардидаи қарорҳо;

- ҳуҷҷатҳое, ки дар банди 5 ҳамин Қоидаҳо пешбинӣ гардидаанд;

- дар мавриди зарурат пешниҳодҳо оид ба ворид намудани тағйирот ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи тартиби додани ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ.

7. Дар марҳилаи сеюм дар мӯҳлати як моҳ Комиссия ҳама маводи дар банди 6 ҳамин Қоидаҳо зикргардидаро баррасӣ менамояд ва нисбати ҳар як санади алоҳидаи меъёрии ҳуқуқӣ Комиссия дар мавриди зарурати ворид намудани санади меъёрии ҳуқуқи ба Номгӯи ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ ё рад намудани он қарор қабул менамояд ва ба баррасии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд.

8. Баъди аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидани Номгӯи ҳама ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳие, ки дар се марҳила таҷдиди назар шудаанд, ягон ҳуҷҷати иҷозатдиҳие, ки ба номгӯи мазкур дохил карда нашудааст ва санади меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи он наметавонанд аз ҷониби вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ истифода гарданд.